**ТАНҚИД ВА КИТОБИЁТ**

“Комсомоли Тоҷикистон”, No 11 (4790),
26 январи 1968, с. 3.
Ҳамроҳ бо Х. Муҳибов

## МАҶМУАИ НОМУКАММАЛ

Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва нашриёти «ИрФон» ба муносибати ҷашни панҷоҳсолагии Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ба дустдорони каломи бадеъ тӯҳфае пешкаш карданд, ки он «Таронаи Октябр» ном дорад. «Таронаи Октябр» маҷмуаи ашъор буда, дар он 137 асари манзуми 59 нафар шоир гирд оварда шудааст.

Ташаббуси пешгирифтаи нашриёти мазкур шоёни табрик ва таҳсин мебошад. Васфи шукӯҳу шаҳомати Октябри Аъзам, ки аввалин бор дар таърихи инсоният ҷамъияти нави бесинфро барпо намуда, ҳокимияти комилан халқиро барқарор кард, аз мавзуъҳои асосӣ ва заруртарини адабиёту санъати сермиллати советӣ ва тамоми тамаддуни мутараққии дунё ба шумор меравад. Шоирони тоҷик низ аз рӯзҳои аввали ҳокимияти Советӣ дар тавсифи Инқилоби Октябр, Партияи Коммунистӣ, Ленини аъзам лоиқи ҳоли худ шеърҳои зиёде гуфтаанд ва аксарашон дар кушишу ҷидду ҷаҳд дар ин роҳи нек гавҳари мақсуд ба каф овардаанд. Дар шакли як китоб дарҷ намудани беҳтарин шеърҳои дар васфи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр сурудаи шоирони советии тоҷик аҳамияти махсусе касб мекунад, зеро он, аз як тараф бузургӣ ва шаҳомати Октябрро дар назари хонандагон бори дигар ҷилвагар намуда, меҳриононро ба ҷунбиш оварад, аз тарафи дигар, ба ин мавзуи ҷовидонӣ то чӣ андоза диққату эътибор додани адибони советии тоҷикро собит месозад.

Аммо бояд гуфт, ки дар ҷамъ намудану интихоб кардани материалҳои маҷмуаи номбурда ва инчунин, дар тартибу ҷобаҷогузории материалҳои он принсипи қатъии ягона дошта нашудааст. Чунончи, аз мароми ноширон ва номи маҷмуа ҳувайдост, ки ин ҷо танҳо шеърҳои дар васфи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр сурудаи шоирони советии мо мебоист гирд оварда шавад. Вале «Таронаи Октябр» аз ашъори дар мавзуъҳои гуногуни зиндагӣ ва табиат таълифёфта фароҳам омадааст.

Дар маҷмуа «Салом!» ном шеъри устод С. Айнӣ дохил карда шудааст, ки он аз асли мақсад дур буда, ба Инқилоби Октябр муносибати бевосита надорад. Ҳол он ки дар ин мавзуи барои мардуми тоҷик азиз, устод Айнӣ чандин асар, ба монанди «Ба журнали шуълаи инқилоб», «Инқилоб», «Ахгари инқилоб», «15 сол», «Октябри 16-сола» ва ғайраро офаридааст.

Айнан чунин ҳолат дар қисмати ба ашъори устод Лоҳутӣ бахшида руй додааст. Аз «Октябри бистсола», достони «Парии бахт», қасидаи «Кремл», ки мавзуи мазкур дар маркази ин асарҳои машҳур қарор ёфтааст, порчаҳо овардан мувофиқи мақсад мебуд. Масалан, гаштаю баргашта хондани чунин байтҳо ба хонанда ҳар дафъа шавқу сурури нав мебахшанд:

*«Ногоҳ замин ларзид в-аз дур фалак тарсид,*
*Чун дод дурафши сурх бар маҳви ситам фармон.*
*Урдуи ситам бигрехт, занҷири ситам бигсехт,*
*Аз ранҷбари мазлум в-аз коргари урён...».*

Дар «Таронаи Октябр» аз осори Пайрав Сулаймонӣ шеърҳои «Қалам», «Ду ҳуҷум», «Навиди Вахшстрой» ва мухтасари маснавии «Тахти хунин» оварда шудаанд, ки се шеъри аввала ин ҷо зарурат надошт, балки дохил кардани «Таронаи иди бузурги Октябр» ва «Ба

муносибати Инқилоби Бухоро» зарур буд. Ҳамчунин, дар қисмати Мирзо Турсунзода шеърҳои «Модарам» ва «Мамлакати тиллоӣ» мавқеи сазовор надоранд, ба ҷои онҳо дохил кардани «Водии Ҳисор», «Пиёлаи мо» айни муддао буд.

Ба ҳеҷ кас пушида нест, ки мавзуи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр бо тамоми ҷузъиёташ - яке аз мавзуъҳои асосӣ ва илҳомбахши адибони советӣ ва аз ҷумла, нависандагону шоирони советии тоҷик ба ҳисоб меравад. Бесабаб нест, ки адибони мо дар ин хусус дар арзи тақрибан панҷоҳ сол як қатор асарҳои нағз офаридаанд, ки ба тариқи мисол «Идӣ», «Сӣ сол», «Зинда бош, Октябр!»-и Абдусалом Дехотӣ, «Октябри бистуяксола», «Тантанаи Октябр», «Биё, биё!», «Қудрати Октябр», «Иди аслӣ - иди мост»-и Боқӣ Раҳимзода, «Ба муносибати ёздаҳсолагии иди бузурги Инқилоби Октябр», «Октябри бузург», «Байрақи Октябр баланд аст»-и Муҳиддин Аминзода, «Эй Инқилоб», «Дилам», «Моҳи 17-сола», «Октябробод», «XXII сол»-и Муҳаммадҷон Раҳимӣ, «Ба пешвози Октябр» ном силсилаи рубоиёти шӯрангези Ҳабиб Юсуфӣ, «Иди бузург», «Инқилоби сурх», «Қувваи Октябр»-и Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, «Шарофати Октябр», «Файзи Октябр», «Табрики Октябр»-и Саидалӣ Вализода ва бисёр дигаронро номбар кардан мумкин аст, ки мутаассифона, ба маҷмуа дохил нашудаанд.

Ба маҷмӯа ҳатто «Ба ту ман дил намебандам», «Ҳусн» (А. Шукӯҳӣ), «Мактуби ҷонона» (Н. Шанбезода), «Риштаи ишқ» (Озод Аминзода), «Интизорӣ» (Басир Расо) барин шеърҳои ишқӣ ва инчунин як қатор асарҳои гуногунмавзуи шаклан сусту мазмунан паст, ки ба асли матлаб дахлеву муносибате надоранд, дохил карда шудаанд.

Ба маҷмуа аз Муъмин Қаноат «Мавҷҳои бародарӣ», «Обшор», «Мавҷи суруд» гирифта шудаанд. Аммо агар ба ин порчаҳо «Ҳукми таърих» ном шеъри хеле нағзи ин шоири боистеъдод дохил мешуд, боиси ҳусни «Таронаи Октябрь» мегардид. Ин шеъри Муъмин

Каноат, ки айнан лаҳзаҳои нозуки Инқилоби Октябрро ба тарзи шоирона инъикос менамояд, хеле равону равшан, суфта ва мазмунан конкретию барчаста гуфта шудааст, чунончи:

*«Шаби Октябр чу доҳии бузурги дунё,*
*Ҳукми таърих ба неруи хирад кард иншо,*
*Бонги оташ зада бо муждаи шодӣ ба ҷаҳон,*
*Кард Аврора нидо...»*

Мисли ҳамин «Дили ватан»-и Файзулло Ансорӣ, «Шоир», «Симуганҷ»-и Муҳиддин Фарҳат, «Дарёи сахо», «Талаб аз умр»-и Абдумалик Баҳорӣ, «Ба устод», «Қалби пурмеҳр»-и Мавҷуда, «Риштаи ишқ», «Падар»-и А. Озод, «Гули пахта», «Садои дил»-и Бобо Ҳоҷӣ, «Хатои охирин»-и Бурҳон Фаррух, «То буса занам»-и Ш. Ҳайрат, «Маъвои шоир»-и Али Бобоҷон ва монанди инҳо дар «Таронаи Октябр» мавқеи муносибе надоранд. Агар ба ҷои шеърҳои номбаршуда «Идӣ», «Ҷашни дилафруз» (М. Фарҳат), «Чилсола баҳодур» (Ф. Ансорӣ), «Иди бошукӯҳ» (Бобо Ҳоҷӣ), «Садои Аврора» (А. Баҳорӣ), «Ҳадя ба иди Октябр» (Ш. Мастон) дохил карда мешуданд, ҳусни маҷмуа, бешубҳа, хеле меафзуд.

Ҳамон навъе ки ишора рафт, ҳангоми тартиб додани маҷмуа, принсипи қатъӣ риоя карда нашудааст. Ҳамагӣ 63 шеъри «Таронаи Октябр» санаи таълиф дораду халос. Дар зери 74 шеъри бақия таърихи эҷод вуҷуд надорад, ки ин ҳолати нохуш мебошад. Дар «Таронаи Октябр» аз осори устодони каломи бадеъ Айниву Лоҳутӣ сар карда, то С. Маъмуру С. Шокирзода барин шоирони ҷавон намунаҳо оварда шудааст.

Тартиби маводҳо он қадар матлуб нест, зеро дар он устодони сухан, адибони марҳум, аъзоёни Иттифоқи нависандагон ва адибони ҷавон на алоҳида-алоҳида, балки ба тарзи омехта ҷой дода шудаанд, ки ин усули кор ҳаргиз қобили қабул шуда

наметавонад. Ба маҷмуа аз эҷодиёти баъзе ҳаваскорони адабиёт низ намунаҳо оварда шудааст, ки ин ҳам кимати китобро баланд бардошта наметавонад, чунки ин ҳаваскорон алҳол шеъри нағзе нагуфтаанд.

Ва баръакс, аз ҳудуди маҷмуаи номбаршуда осори қисме аз адибони тоҷик, алалхусус шоирони солҳои пурошуби бистуму сийум, ҳамчун Абдулвоҳид Мунзим, Фахриддин Роҷӣ, Мирҳайдар Сарвар, Ноил Шерзода ва амсоли онҳо берун мондаанд, ки ин носавоб аст. Дуруст аст, ки чунин шоирон симоҳои бузурги адабиёти мо нестанд ва дар васфи Октябр асарҳои олиҷаноби бадеӣ наофаридаанд, аммо онҳо моҳияти аслии Инқилоби Октябр, мавқеи Партияи Коммунистӣ ва мақоми Ленини аъзамро дар ин табаддулоти азими иҷтимоӣ алоқадри ҳол дуруст фаҳмида ва ҳамин фаҳмиши худро дар асарҳояшон таҷассум намуда, дар маърифатнокшавии омма, дар сохтмони сотсиализм дар Тоҷикистон, дар ғалабаи револютсияи маданӣ саҳме гузоштаанд. Ҳеҷ ҷои шубҳа нест, ки қимати шеърҳои ба ҳамин мавзуъҳо бахшидаи он шоирон дар ҳамон давра ва минбаъд низ барои тарғибу ташвиқи ғояҳои Партия ва Ленин, интишори аҳамияти Октябр хурд нест. Маҳз барои ҳамин «Ба шарафи Инқилоби Октябр»-и Роҷӣ, назираи «Инқилоби сурх»-и Мунзим, «Фатҳу зафар муборак!», «Ба иди-даҳсолагии Октябр», «Октябр озод кард»-и Сарвар, «Ба иди Октябр», «Дувоздаҳсолаи инкилобӣ»-и Ноил Шерзода, «Хуш омадӣ»-и Зуфархон Ҷавҳарӣ лоиқу муносиби «Таронаи Октябр» мебошанд.

Октябри Аъзам мардуми мазлумро озод кард, обу замин дод, савод омухт, бедор намуд, ба олами маърифат ҳодӣ гашт. Аз ин фазилатҳои беҳисоби Октябр шоирони халқӣ низ ба ваҷду илҳом омаданд, бузургиву шаҳомати онро васф карданд. Барои мисол «Ба Октябр»-и Ҳикмат Ризо, «23-солагии Октябр»-и Давлатшоҳи Помириро номбар кардан кофист, ки мутаассифона, аз назари

мураттиби Таронаи Октябр» дур мондаанд. Масалан, Давлатшоҳи Помирӣ гузаштаи пуразоби халқи меҳнаткаш, дар зери занҷири ҷабру зулм будани муздуронро ба хотир оварда, соҳиби бахту саодат, молу мулк ва аз ҳама муҳиму мукаддас СОҲИБИ ОЗОДӢ гардидани онҳоро ва дар ин иқболи баланди халқ сарчашмаи ягона будани Октябри Кабирро ба тариқи зайл баён кардааст;

*«Ту додӣ бахтро бар мо-фақирон,*
*Ту кардӣ халкхоро шоду хандон,*
*Ту кардӣ Тоҷикистонро гулистон,*
*Зи нури туст ин кишвар дурахшон.*
*Зи ту шуд офтоби бахт тобон,*
*Туӣ сарчашмаи иқболи халқам,*
*Зи ту осудагии ҳоли халқам..».*

Васфи Октябр мавзуест ҷовидонӣ. Ҳар як санъаткор, ҳар як адиби хурду калон имрӯз ҳам кушишу ғайрат сарф менамояд, ки дар ин бора асари хубе ба миён оварад ва ба ин васила миннатдории самимии худрову халқашро ба озодкунандааш изҳор намояд. Аз ҳамин сабаб, бо боварии пурра метавон гуфт, ки ҳеҷ шоире нест, ки дар ин мавзуъ асаре эҷод накарда бошад. Ҳама, алалхусус адибони ҷавон дар ин ҷода қалами худро санҷида, ҳунарозмоӣ кардаанд. Масалан, яке аз адибони ҷавони боистеъдод Ашур Сафар ба мавзуи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр «Аз партави Октябр» ва «Ватан» ном шеърҳо эчод намудааст.

Ин шоири чавон шарофати Октябрро самимона, содда ва ба тарзу усули халқӣ тараннум кардааст, чунончи ин фикр аз байтҳои зерини шеъри «Аз партави Октябр»  равшан ҳувайдост:

*«Нуре, ки Ватан дорад,*
*Ранге, ки чаман дорад,*

*Буе, ки ба сад хубӣ,*
*Садбаргу суман дорад*
*Аз партави Октябр аст!*
*Аз партави Октябр аст!»*

Агар дар «Таронаи Октябр» ба ҷои рубоиҳои Ашур Сафар, ки ба Револютсияи Октябр алоқаманд нестанд, шеърҳои номбаршудаи уро меоварданд, барои хонандагон, муҳаққиқони таърихи адабиёт ва махсусан барои тарғибу ташвиқи ғояҳои ҳаётбахши Октябр беҳтар ва пурфоидатар мебуд ...

Хуллас, мақсади нашри маҷмуаи шеърҳои «Таронаи Октябр» нияти некест ва он шоистаи таҳсин мебошад, аммо дар интихоби материалҳову тартиб додани чунин китоби муҳим бедиққативу саҳлангорӣ кардан, ба фикри мо, кори нохуш аст ва минбаъд ба ин гуна ҳодиса набояд роҳ дод.

**Х. МУҲИБОВ *ва* Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ – *муаллимони калони Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин.***

*Маҷмуаи номукаммал, 1968 – Google Drive*